## ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо

Парвандаи аттестатсионии №17

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 26.12.2023, №1

Барои сазовор донистани Раҳмон Юсуф Азим, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 –Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо.

Диссертатсияи Раҳмон Юсуф Азим дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ба ҳимоя 24 октябри соли 2023 (протоколи №6.1.) қабул карда шуд. Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44) дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2022, таҳти №268/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Раҳмон Юсуф Азим унвонҷӯи шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон буда, 20 майи соли 1971 дар ноҳияи Фархори вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, оиладор, соҳиби 4 фарзанд.

Раҳмон Юсуф Азим соли 2003 Академияи авиатсияи граждании шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисод ва идоракунӣ дар корхонаҳои нақлиёти ҳавоӣ хатм намудааст. Баъди хатми академия ба

ҳайси роҳбари намояндагии Ширкати ҳавопаймоии «ГАРТ» - Тоҷикистон дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия, аз соли 2005 то соли 2008 роҳбари намояндагии Ширкати ҳавопаймоии «ГУАП» Тоҷикистон дар Федератсияи Россия, солҳои 2009-2011 роҳбари намояндагии «ГУП»-Роҳи оҳани Тоҷикистон дар шаҳри Екатеринбурги Федератсияи Россия, солҳои 2011-2013 Сардори идораи таъминоти молию техникии ширкати ҳавопаймоии «Тоҷик эйр» ва солҳои 2014 - 2018 ба ҳайси Сардори Раёсати авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, айни замон, ба ҳайси ходими калони илмии шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шариф Раҳимзода д.и.и., профессор, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Раҷабов Раҷаб Кучакович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Раҷабов Эҳсон Давлатович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини декан оид ба корҳои таълими факултети гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

- **Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, тақриз аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳамроев Ф.М. таҳия гардида, ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод намудааст. Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ суратмаҷлиси кафедра № 5, аз 27 ноябри соли 2023 баррасӣ ва аз тарафи ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ Давлатзода Қудрат Қамбар санаи 30 ноябри соли 2023 тасдиқ шудааст.

Дар пешниҳоди муассиса, ки аз тарафи муқарриз имзо шудааст, қайд гардидааст, ки кори диссертатсионии Раҳмон Юсуф Азим ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) мутобиқ ва ҷавобгӯ мебошад. Аз рӯйи мазмуни илмӣ ва шакли таҳияи диссертатсияи номзадӣ "Такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир" ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартариятдоштаи илмҳои иқтисодӣ, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад, гирд оварда шудаанд. Ҳамаи ин далелҳо бе ягон шаку шубҳа аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки кори илмии мазкур сазовори баҳои баланд буда, муаллифи он арзандаи дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба нашр расидаанд.

**а) Мақолахое, ки дар нашрияҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М] Рахмон Ю.А. Отрасль воздушных перевозок Республики Таджикистан: тенденции и перспективы развития [Текст] / Ю.А. Рахмон, Г.О Бобоев // Экономика Таджикистана. – 2017. - №4. - С.106 - 118.

[2-М] Раҳмон Ю.А. Мукаммалгардонии механизми идоракунии системаи наклиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ю.А. Раҳмон //

Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2022. - №1(17). - С.117-121. ISSN 2076-2569.

[3-М] Рахмон, Ю.А. Проблемы развития аэропортов в современных условиях [Текст] / Ю.А. Рахмон // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 4-2. – С. 101-105.

[4-М] Рахмон Ю.А. Проблемы управления авиационной транспортной системой Республики Таджикистан [Текст] / Ю.А. Рахмон, Ш.Рахимзода // Экономика Таджикистана. – 2022. - №3. - С.32 - 38.

[5-М] Рахмон Ю.А. Малая авиация Республики Таджикистан: перспективные направления развития [Текст] / Ю.А. Рахмон // Экономика Таджикистана. – 2023. - №2 (18). - С. 109-114. ISSN 2207-9996.

Дар дигар нашрияҳо

[6-М] Раҳмон Ю.А. Рушди соҳаи авиатсияи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Конференсияи илмӣ-амалӣ дар доираи Паёми Пешвои миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. С. 34-39.

[7-М] Раҳмон Ю.А. Совершенствование кадрового потенциала авиатранспортной системы Республики Таджикистан / Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Ҷанбаҳои консептуалӣ ва асосҳои назариявӣ- методологии ташаккули шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 2022. С. 68-71.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:

**Фаҷеров Ҳ.Н.**- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои зикршуда (равандҳои интегратсионии алянсҳо ва ғ.) дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашудааст.

2. Инчунин, муалифро зарур буд, ки бештар ба масъалаи бозсохтори (реструктизатсияи) идоракунии комплекси авиатсионӣ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ менамуд.

**Самандарзода И.Ҳ.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишогҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур:

Дар ин самт хуб мешуд, муаллиф таҳқиқоти фарогири худро ба механизмҳои низоми танзими давлатии комплекси авиатсионӣ мебахшид.

Дар автореферат масъалаҳои таъминоти иттилоотии низоми идораву танзими комплекси авиатсиони мушоҳида нашудааст

**Ашуров Н.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, омӯзгори кафедраи нақлиёти автомобилии факултети техникӣ ва технологии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

Реинжениринг дар худ усулҳои баркарорсозии ҳамаҷонибаи ширкатҳои ҳавопаймоӣ, инчунин, ҳамоҳангсозии идоракуниро бо фарогирӣ ва азнавташкилдиҳии ҳама ҷузъҳо бидуни истисно, ки низоми ҳавасмандкунии инсонро дарбар мегирад, муттаҳид менамояд. Аммо, ин масъала ва ё механизми муҳими такмилдиҳии идоракунӣ дар таҳқиқот норавшан мондааст.

**Бегмуродов С.Ш.**- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

1) Мутобиқ ба мавзӯи таҳқиқот механизмҳои нави идоракуниро вобаста ба тамоюл ва тағироти сохторӣ (ҳиссаи ҳар як унсури комплекс) ва динамикаи онҳо бояд таҳлили васеъ мешуд;

2) Таҳлили индикаторҳои самаранокии идоракунӣ, низ дар автореферат дарҷ наёфтаннд.

**Дар натиҷаи ҷамъбасти андешаҳои олимон.** Масъалаи рушди низоми нақлиёт дар умум ва комплекси авиатсионӣ дар алоҳидагӣ дар асарҳои бисёре аз муҳаққиқон инъикос ёфтаанд:

- таҳқиқи масъалаҳои назариявии рушди комплекси авиатсионӣ дар асарҳои олимони.фр А.Р. Алексанян, К.Э. Акопян, В.В. Воробев, Е.Д. Герасимова, Г.Н. Гипич, М.С. Громов, С.В. Далетский, О.Я. Деркач, Б.В. Зубков, А.А. Итскович, И.Г. Кирпичев, В.В. Никонов, А.Н. Петров, В.М. Рухлинский, Н.Н. Смирнов, Ю.М. Чинючин, В.С. Шапкин дар сатҳи кофӣ баррасӣ шудаандва

Дар масъалаҳои илмии ташкилу идоракунии комплекси авиатсионӣ олимони ватанӣ ба мисли О. Бобоев, А. Рауфӣ, А.Х. Катаев, Р.К. Раҷабов, П.Д. Хоҷаев, Д.П. Мирзоева, Ф.М. Ҳамроев, К.О. Бобоев, С.Ш. Бегмуродов, С.Х. Самандаров ва дигарон саҳми назаррас доранд;

- ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаҳои механизмҳои ташкииву иқтисодии идоракунии рушди комплекси авиатсионии ҷумҳурӣ, дар асарҳои М.М. Алибоева, Д.С. Ғафуров, Б.М. Дустматов, Д.П. Мирзоева, Ш.С. Муҳамадов баррасӣ шудаанд;

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар такмили идоракунии комплекси нақлиёти авиатсионӣ бо назардошти хусусигардонӣ, азнавсозӣ ва азхудкунии соҳаҳои нави фаъолияти комплекси авиатсионӣ барои таҳқиқи минбаъдаи муаммоҳои илми соҳа истифода шуда метавонад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он зоҳир мегардад, ки муқаррароти муайяни тадқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар курсҳои идоракунии комплекси нақлиёти авиатсионӣ, менеҷмент ва маркетинг дар соҳаи авиатсия истифода шаванд. Тавсияҳои амалии дар кор овардашуда ҳангоми таҳия ва татбиқи «Барномаи рушди соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025», №165 аз 01.04.2011с мавриди истифода қарор гирифта, пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф оид ба такмили механизми идоракунии комплекси нақлиёти авиатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда низ, метавонанд истифода шаванд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**Ҷанбаҳои назариявӣ** – асоси назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла, идоракунии комплекси авиатсионӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Муқаррароти илмии мактабҳо ва назарияҳои асосии иқтисодӣ оид ба принсипҳои идоракунии субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ, дар ҳамбастагӣ бо таҳлили сатҳи макро ва микро имконият доданд, ки моҳияти ҳодисаю равандҳо пурратар таҳқиқ гардида, мазмуни категорияҳо ва мафҳумҳои алоҳидаи соҳа ба таври муфассал ошкор карда шаванд.

**Методҳои гуногуни** – ба мисли абстраксияи илмӣ, усулҳои таҳлили сохторӣ-функсионалӣ ва муқоисавӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, муносибати иқтисодӣ-оморӣ, таърихӣ-мантиқӣ, пурсиши сотсиологӣ ва ғ. истифода шудаанд. Ҳамчун усули асосӣ принсипи муносибати системавӣ интихоб карда шуд, ки тибқи он мантиқи умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ сохта шудааст.

**Дар натиҷаи** таҳқиқот коркарди муқаррароти назариявию методӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи муайян кардани тамоюли ҳолат, ҷараёни инкишоф ва самтҳои минбаъдаи рушди он, сурат гирифтааст:

- асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои илмии идоракунии комплекси авиатсионӣ таҳқиқ карда шуда, ҷамъбасти назариявӣ ва натиҷагирии адабиёти илмии соҳа сурат гирифта, низоми мукаммали методҳо ва усулҳои таъминкунандаи амалкарди самараноки комплекси авиатсионӣ ироа шудааст.

- марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва ҳолати муосири идоракунии комплекси авиатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифта, консепсияи бунёдии низоми омодасозии кадрҳои комплекси авиатсионӣ пешниҳод гардида, аҳамияти танзими давлатии фаъолияти авиатсионӣ, зерсистемаҳои комплекси авиатсионӣ – корхонаҳои таъминоти хӯроки

дохили ҳавопаймо, фурудгоҳҳо, комплекси сӯзишворӣ бо назардошти эҳтимолияти бархӯрди манфиатҳои онҳо нишон дода шудааст;

- бори аввал омилҳои таъсиррасон ба механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ ошкор карда шуда, асосҳои методикаи идоракунии комплекси авиатсионӣ дар заминаи назарияи идоракунии сифат ва тавсияҳои нави Созмони байналмилалии авиатсияи граждании (СБАГ-ИКАО) таҳия гардида, модели системавии амалкарди комплекси авиатсионӣ бо назардошти алтернативаи бисёр доштани андозаҳои комплекс ва мураккаб будани алоқамандиҳое, ки ба номуайянии натиҷаҳои ояндабинии тақозо нисбат ба хизматрасонии авиатсионӣ таъсир мерасонанд, таҳия ва пешниҳод шудаанд;

- хусусиятҳои низоми бавуҷудомадаи идоракунии комплекси авиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сабабҳои номувофиқатии он ба тамоюлҳои иқтисодиёти муосир ошкор карда шуданд, ки имкон доданд, самтҳои асосии мукаммалгардонии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкур ба таври мушаххас пешниҳод карда шаванд.

- пешниҳодҳо оид ба такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ бо назардошти хусусигардонӣ, азнавсозӣ ва азхудкунии соҳаҳои нави фаъолияти комплекси авиатсионӣ коркард ва асоснок карда шуда, пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба барномаи модернизатсиякунонии низоми миллии нақлиёти ҳавоӣ, тавсияҳои илман асоснок оид ба баровардан аз ҳолати ногувори иқтисодӣ ва ҷоннок кардани фаъолияти ширкати миллии “Тоҷик Эйр” таҳия ва пешниҳод шуда, маҷмӯи тавсияҳо оид ба такмили ҷанбаҳои ҳудудии сиёсати давлатӣ дар комплекси авиатсионӣ ироа ва модели консептуалии ташаккули комплекси авиатсионӣ таҳия ва пешниҳод шудааст, ки имкониятҳои истифодабарии максималии иқтидори фурудгоҳҳо, агентии авиатсияи граждании, ширкатҳои ҳавопаймоии давлатӣ ва хусусиро дар асоси ҳамоҳангсозӣ ва ҳамгироии фаъолияти онҳо инъикос менамояд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ** нишон доданд, ки:

- асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимон-иқтисодшиносони ватанию хориҷиро дар соҳаи идоракунии комплекси авиатсионӣ эҷодкорона истифода бурдааст;
- маълумотҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда дақиқ буда, ҳаҷми маводи тадқиқотӣ кифоя мебошад ва аз ҷониби муаллиф коркарди омории маълумотҳои расмию ғайрирасмӣ мақсаднок сурат гирифтааст;
- натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои бонуфуз интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.
- дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидааст.
- ғояи асосии диссертатсия дар асоси дастурҳо, бароmaдҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва андешаи олимони соҳаи иқтисодиёт, ҳамчунин, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар самти таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф асоснок карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, аз ҷумла: таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузоштaшуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар асоси ташхиси селаи мусофирон дар хатсайрҳои ҳавоӣ, баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ дар ширкатҳо гузаронидааст. Нақшаи технологии ҷалби мусофирон ба нақлиёти ҳавоӣ тартиб дода шуда, модели иқтисодӣ-риёзии муносибгардонии шабакаи маршрутии нақлиёти ҳавоӣ кор

карда баромада шудааст ва дар асоси он хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ тайёр намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотҳои рисолаи илмӣ дар асоси далелҳои мавқеъҳои консептуалӣ ва барномаҳои вусъатдиҳии воситаи нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи 2025 –ум сол истифода бурда шудаанд.

- муқаррароти асосии диссертатсия дар чорабиниҳои илмиву амалӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбат гирифтаанд.
- натиҷаҳои назариявӣ-методие, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи муаллиф ба шакли маъруза дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардидаанд.
- мӯҳтавои асосии диссертатсия дар семинарҳои назариявӣ ва ҷаласаҳои шӯъбаи таҳқиқоти институсионалии Институти иқтисодёт ва демографияи АМИТ мунтазам мавриди муҳокима қарор ёфтаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017 аз 26 декабри соли 2023 қарори сазовор донистани Раҳмон Юсуф Азим, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд, аз он ҷумла, 3 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 9 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба Шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 9 нафар, муқобил – нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ — Ҷонмамадов Ш.Б.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ — Бобозода К.О.

«26» декабри соли 2023